Таҳлили таъсири танзимкунии
лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 феврали соли 2022, №23»

Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №251 “Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”» аз 22.02.2022, №23
Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Бонки миллии Тоҷикистон
Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад	Ташкилотҳои қарзии молиявӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ
Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	25 июни соли 2026
Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳрасти нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 05 сентябри соли 2024 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати он аз 05 сентябр то 05 октябри соли 2024 гузаронида шуд.
Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо	Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Вобаста ба огоҳинома оиди таҳияи лоиҳаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаи худ аз 8 октябри соли 2024, №150/2с қайд намудааст, ки огоҳиномаи таҳияи тағйиру иловаҳо ба ин Дастурамал бо назардошти талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” таҳия гардидааст.

Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва окибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад	Санаи 22 июни соли 2023, №1968 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” қабул гардид, ки қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми иҷозатдиҳӣ, меъёрҳои муайянкунии намудҳои фаъолият ва ё амалҳоеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи низоми иҷозатдиҳӣ танзим карда мешаванд, муқаррар намуда, ба таъмини риояи стандартҳо, шартҳои тахассусӣ, инчунин ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат равона гардидааст. Бо мақсади мутобиқ намудани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти танзиму назорати асъор ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” санаи 20 июни соли 2024, №2075 тағйиротҳо ворид карда шуданд. Ҳамзамон, бо мақсади мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва пешниҳоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи низоми иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба “Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда” тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тибқи тағйиротҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” воридкардашуда муқаррароти Дастурамали №251 бояд ба талаботи моддаи 6 “Хироҷи иҷозатномадиҳӣ” мутобиқ карда шавад. Тибқи муқаррароти он резидентҳо мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ба буҷети давлатӣ барои баррасии ариза хироҷ, барои додани иҷозатнома хироҷи яккарата ва барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома хироҷи минбаъдаи ҳарсола пардохт менамоянд. Дар баробари ин, дар лоиҳаи тағйиру

	иловаҳои навбатӣ ба Дастурамал таҷрибаи дигар давлатҳо, аз қабили Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон омӯхта шуда, масъалаҳои муҳиме, ки дар Дастурамал мавҷуд набуданд, ворид карда мешаванд. Дар ҳолати қабул нагардидани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур мухолифати муқаррароти Дастурамали мазкур ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” бартараф намегардад.
Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат	Бонки миллии Тоҷикистон ба Дастурамали мазкур бо мақсади риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” тағйиру иловаҳо ворид менамояд.
Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот	Қабул гардидани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №251 “Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мутобиқнамоии муқаррароти онро ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” чораҳои зеринро пешбинӣ менамояд: - такмили раванди додани иҷозатнома барои анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ (фаъолияти махсус); - риояи муқаррароти қонунгузории соҳа; - раванди пардохтҳо ба буҷети давлатӣ; - такмили раванди зернамудҳои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ. Дар баробари ин, дар лоиҳаи Дастурамали мазкур уҳдадориҳои зерин пешбинӣ шудаанд: - резидентҳо (шахсони ҳуқуқӣ), ки барои гузаронидани амалиёт бо асъори хориҷӣ иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро доранд, дар асоси «Феҳрасти ҳисоботи оморӣ ва дигар ҳисоботҳое, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ, субъектҳои фаъолияти иқтисодии

	хориҷӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд», ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, уҳдадоранд: - оид ба фаъолияти бо анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобастаи худ ҳисоботи моҳона ва нусхаи тасдиқшудаи тарифҳои (нархномаҳои) фаъолияти ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобастабуда (дар як сол як маротиба ва ҳангоми тағйир ёфтани тарифҳо (нархномаҳо) дар давоми сол) пешниҳод намоянд. Дар лоиҳаи Дастурамали мазкур маҳдудиятҳо пешбинӣ нашудаанд.
Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ)	Масъалаи мутобиқ намудани муқаррароти Дастурамали мазкур ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва бидуни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ғайриимкон мебошад.
Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот	Қабули тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №251 аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии лоиҳаи мазкур, аз ҷумла оқибатҳои иқтисодӣ: - беҳтар гардидани вазъи бозори дохилии асъор ва амалиёти асъорӣ; -хизматрасонии меҳмонхонаҳо ба ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; - аз реҷаи семоҳа ба реҷаи моҳона гузаронидани қабули ҳисобот тибқи Замимаи №3 Дастурамали мазкур. Оқибатҳои иҷтимоӣ: - таъмини риояи муқаррароти қонунгузории асъорӣ; - баланд бардоштани шаффофияти бозори асъор; - баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ. Қабули тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №251 барои татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзим ва назорати асъор, мутобиқсозии меъёрҳо ба талаботи қонунгузории амалкунанда ва рушди устувори низоми бонкию молиявӣ зарур мебошад.

Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он	Дар сурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур нишондиҳандаҳои зерини инкишоф пешбинӣ карда мешаванд: - риояи муқаррароти қонунгузории асъорӣ таъмин мегардад; - бозори дохилии асъор шаффоф мегардад. Ҳамзамон, мухолифати муқаррароти Дастурамал ба қонунгузорӣ бартараф мегардад.
Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он	15 июли соли 2026

Раис  Толибзода Ф.Н.